РОҲБАРИ
ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

РУКОВОДИТЕЛЬ
ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО АППАРАТА ПРЕЗИДЕНТА
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Вазорату идораҳо**
**(Тибқи рӯйхат)**

Барои маълумот ва корбарӣ.

Ба Ш.Файзуллозода

№ 2-5/885(31-7)
25 06 2015

Б. ХУДОЁРЗОДА

КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ
НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

№ 8/1-509 аз «15» июни с. 2015
Ба №_______ аз «___» ________с.201__

Ба Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Ба пешониш Шумо ҳуҷҷатҳои маҷлиси шашуми Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табииро аз 30 майи соли 2015 барои маълумот ирсол менамоем.

Замима: дар ҳаҷми 6 (шаш) варақ.

Бо эҳтиром,

Раис Х. Абдураҳимов

Протоколи
мачлиси Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

30 майи соли 2015 №6 ш. Душанбе

*Раисӣ кард: Абдураҳимов Х.С. – раиси Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми раиси Платформаи миллӣ*

**Иштирок намуданд:** Файзуллозода Ш.Ҷ.- сардори Раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини раиси Платформаи миллӣ), Холикзода А.- муовини якуми Вазири адлия, Соҳибов Ш.К.- муовини Вазири молия, Зеваршоев З.Т. – муовини Вазири кишоварзӣ, Ҷаъфаров Н.Ҷ.- муовини Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Ш.Назрӣ – муовини Вазири нақлиёт, Исмонов Ф. Б. – муовини Вазири маориф ва илм, Рӯзизода А.Ҳ. – муовини Вазири саноат ва технологияҳои нав, Исмаилова М. С. – муовини раиси кумидат давлатии идораи замин ва геодезӣ, Шарипова О.Т. – муовини Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Махмадалиев А.Ғ. – муовини Сардори Саридораи геология, Одинаев С. – ноиби Президенти Академияи илмҳо, Мамадҷонов Ю.М.- Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология (роҳбари ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ), Камолов Ҷ.Ҷ.- сардори раёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (котиби масъули Платформаи миллӣ) ва дигарон.

Ба ҳайси нозирон - намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо иштирок намуданд: Файзуллоев Ф.(Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон), Раноев В. (Дафтари минтақавии СММ оид ба ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстона дар Тоҷикистон), Баҳриддинов М. (намояндагии ЮНИСЭФ дар Тоҷикистон) ва дигарон.

## *РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:*

1. Ҳисоботи роҳбари ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ Мамадҷонов Ю.М. оид ба натиҷаҳои Конфронси умумиҷаҳонии сеюм оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, ш.Сендайи Япония (14-18 марти соли 2015);
2. Гузориши котиби масъули Платформаи миллӣ Камолов Ҷ.Ҷ. оид ба баррасӣ ва қабули Нақшаи кории Платформаи миллӣ барои соли 2015;
3. Гузориши сардори Маркази идоракунии Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Халифаев К.Б. оид ба рафти иҷрои лоиҳаи дастгирии рақами фаврии «111».

Маҷлиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табииро дар соли 2014 муовини якуми Раиси Платформаи миллӣ огоз намуда, мақсади ҷамъшавиро дар маҷлиси навбатии Платформаи миллӣ тавсиф дод. Ҳамзамон, таваҷҷӯҳи ҳозиринро ҷиҳати масъалаи пешгирии хавфи сарзадани офатҳои табиӣ ва омодагӣ ба онҳоро баён намуд.

Сипас баррасии масъалаҳои рӯзномаи маҷлис анҷом дода шуд.

ШУНИДА ШУД:

Аз рӯи масъалаи якум роҳбари гурухи доимамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ Мамадҷонов Ю.М. баромад намуда, дар бораи иштироки ҳайати Платформаи миллӣ дар кори Конфронси умумиҷаҳонии сеюми СММ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ моҳи марти соли 2015 дар шаҳри Сендайи Япония, ки дар «Барномаи нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои давраи солҳои 2015-2030» қабул гардид, иттилоъ дод.

Аз рӯи масъалаи дуюм котиби масъули Платформаи миллӣ Камолов Ҷ.Ҷ. аъзоёни Платформаи миллиро бо лоиҳаи Нақшаи кории он барои соли 2015 шинос намуд.

Аз рӯи масъалаи сеюм сардори Маркази идоракунии ҲФ ва МГ-и Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Халифаев К.Б. ба аъзоёни Платформаи миллӣ оид ба рафти иҷрои лоиҳаи дастгирии рақами фаврии «111» иттилоъ дод.

Аъзоёни Платформаи миллӣ дар муҳокимаи масъалаҳои баррасишуда иштирок намуда, тасдиқи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро қобили қабул донистанд.

Дар охир, муовини якуми раиси Платформаи миллӣ таваҷҷӯҳи аъзоёнро ҷиҳати баланд бардоштани фаъолияти Платформаи миллӣ, татбиқи лоиҳаҳо аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ, махсусан БР СММ ба иҷрои корҳои амалӣ, пешниҳоди лоиҳаҳо аз ҷониби вазоратҳу идораҳо тибқи самтҳои афзалиятнок, ки ба масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ равона шудаанд, таклиф намуд.

Баъд аз баромади муовини якуми раиси Платформаи миллӣ, аъзои Платформаи миллӣ, котиботи Платформаи миллӣ ва муҳокимаҳо маҷлис қ а р о р қабул кард:

1. Ҳисоботи роҳбари гурухи доимамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ Мамадҷонов Ю.М. оид ба иштироки ҳайати Платформаи миллӣ дар кори Конфронси умумиҷаҳонии сеюм оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, ш.Сендайи Япония (14-18 марти соли 2015) ва натиҷаҳои он ба инобат гирифта шаванд
2. Ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ:

– масъалаи тартиби амалисозии "Барномаи Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои давраи солҳои 2015-2030"-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, таклифу пешниҳодҳои худро то 10 июли соли 2015 ба котиботи Платформаи миллӣ манзур намоянд;

- бо дарназардошти пешниҳоди роҳбари гурӯҳи доимамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ Мамадҷонов Ю.М. масъалаи омода намудани лоиҳаи «Тартиби таҳияи қисмати чорабиниҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда дар барномаҳои мақсаднокирушди иқтисодию иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо» мавриди баррасӣ қарор дода шуда, то ҷаласаи навбатии Платформаи миллӣ хулосаи мувофиқашуда пешниҳод карда шавад.

3. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- лоиҳаи «Созишномаи тафоҳум миёни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми ягонаи иттилоотӣ ва фазои муошират дар ҳолатҳои фавқулодда» қобили қабул дониста шуда, тибқи тартиби муқарраргардида барои мувофиқа ба вазорату идораҳо ирсол карда шавад;
- дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ татбиқи Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8) ва дигар лоиҳаҳои инвеститсионӣ зери назорат қарор дода, аз рафти онҳо ба Платформаи миллӣ мунтазам ахборот пешниҳод намоянд.

4. Тасдиқ карда шавад:

- « Нақшаи кории Платформаи миллӣ барои соли 2015;

Муовини якуми Раиси Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Х. Абдураҳимов

«Тасдиқ мекунам»
Муовини якуми Раиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Х. Абдурахимов
«5» «[illegible]» соли 2015

## Нақшаи корӣ
## Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои соли 2015

| р/т | Номгӯи масъалаҳое, ки дар маҷлис баррасӣ мегарданд | Масъулини иҷро | Мӯҳлати иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | Банақшагирии чорабиниҳои пешгирӣ ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар соли 2015 | Аъзои Платформаи миллӣ, Вазорату идораҳо. | Июл - Декабри соли 2015 | |
| 2 | Иштироки ҳайати Платформаи миллӣ дар кори Конференсияи умумиҷаҳонии сеюм оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар ш.Сендайи Япония соли 2015 ва натиҷаҳои он | Роҳбари гурӯҳи доимамалкунандаи экспертӣ | –Июн - Августи соли 2015 | |
| 3 | Маълумот дар бораи «Барномаи амалиёти Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030» ва баррасии масъалаи татбиқи тавсияҳои Барнома дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аъзои Платформаи миллӣ, Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо | Октябр - Ноябри соли 2015 | |

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|
| 4 | Пешниҳод ва баррасии лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзои Платформаи миллӣ, Ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо | Июл - Декабри соли 2015 | |
| 5 | Натиҷаҳои татбиқи Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8) | Котибот ва Ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо | Июл - Декабри соли 2015 | |
| 6 | Рафти татбиқи Лоиҳаи «Дар бораи таҳкимкунии имкониятҳо оид ба идоракунии иттилоот ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ва такмили системаи рақами фаврии «111» | Барномаи рушди Созмони милали муттаҳид | Июл-Сентябри- соли 2015 | |
| 7 | Ба кор даровардани сомонаи интернетии Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзои Платформаи миллӣ, Котиботи Платформаи миллӣ ва Барномаи рушди СММ | Июл-Декабри соли 2015 | |
| 8 | Ташкил ва гузаронидани рӯзи байналмилалӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо | Октябри соли 2015 | |
| 9 | Ташкил ва гузаронидани ҷамъомадҳои миллӣ, мизи мудаввар ва давраҳои омӯзишӣ оид ба таҳким бахшидани Платформаи миллӣ ва ҷалб намудани грантҳо аз донорҳо | Аъзои Платформаи миллӣ ва ҳайати гурӯҳи доимамалкунандаи экспертӣ бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо. | Июл - Декабри соли 2015 | |
| 10 | Ташкил намудани омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешқадам дар масъалаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзои Платформаи миллӣ бо дастгирии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид | Сентябр - Ноябри соли 2015 | |
| 11 | Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва машваратҳои минтақавии платформаҳо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзои Платформаи миллӣ бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ | Дар давоми соли 2015 | |

Котиби масъули Платформаи миллӣ

Ч. Камолов